# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**1. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.05 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

**2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот**

Мубрамии мавзуи рисолаи илмиро дар даврони истиқлолият қабул гардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёд, аз ҷумлаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030 мебошад, ки амалӣ гашта, дастовардҳои назаррас ба бор овардаанд. Ҷиҳати баррасии масъалаи мазкур яке аз вазифаи муҳимтарин ин аз захираи бузурги педагогикаи халқӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани арзишҳоест, ки метавонанд барои тарбияи насли наврас хизмат намоянд.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи Ризоева Нигинамо дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" мубрам буда, ба тарбия намудани наврасон дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, омодагӣ ва қобилияти хизмат ба Ватан, дар асоси педагогикаи халқӣ ва ашъори шоирону нависандагони муосир мебошад.

**Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо.**

Арзиши назариявии таҳқиқот муҳаққиқ Ризоева Нигинамо дар он ифода меёбад, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машгулиятҳои беруназсинфӣ, инчунин гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули худшиносии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

Дар ин раванд масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии насли наврасро дар осори илмию методии муҳаққиқони ватанӣ Т.Атохонов, М.Орифӣ, Р.Амиров, И.Обидов, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К.Б.Кодиров, Б.Раҳимов, А.Нуров, Х.Раҳимзода, С.Сулаймонӣ, Б.Маҷидова, Ш.Сафаров, Н.Юнусова, Д.Латифзода, Ш.Шарофзода, Ҷ.Файзализода, А.Мирализода ва дигарон таҳлил намудааст, ки дар ин таҳқиқотҳо мероси педагогии ниёгон, масъалаҳои мубрами ақидаҳои педагогии мутаффакирони тоҷик мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд .

Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи ташаккули тафаккури миллӣ ва худшиносии миллиро бошад, дар таълифоти И.В.Кожакова, Н.А.Левитский, А.Турсунов, М.Турсунова, З.Б.Мубинов, Ф.М.Мирахмедов, М.М.Насриддинов, С.Е.Овлякулиев, В.А.Мандрагеля, П.Б.Дониярова, М.М.Насриддинова, Л.А.Алшевская, С.С.Бусыгина дида баромадааст..

Арзёбии муҳими диссертатсия на танҳо дар мураттабии баёни фикр ва забони фасеҳи он, баёни мантиқии фикр ва ақидаҳои асоснокро мансуб донистан, инчунин дар пешниҳодҳое, ки метавонанд ба сифати

дастовардҳои нави илмӣ дар соҳаи илми педагогика дониста шаванд, ифода меёбад. Натиҷа ва хулосаи таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ҷалби таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ, дар асоси таъсири эҳсосӣ ба хонандагон тавассути азхудкунии дониш дар бораи мероси таърихию фарҳангии халқ, ба меъёрҳои ахлоқии рафторметавон истифода намуд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

Таҳлили ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон;

1.Омӯзиши сатҳи талабот, интизорӣ ва афзалиятҳои нигаронии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи худшиносии миллии наврасон;

2.Таҳияи мазмуну мундариҷаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» бо истифода омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории озмоиши педагогӣ, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад;

3.Мавриди назар қарор ёфтани тавсия ва пешниҳоди омӯзгорон, волидон, фаъолони ҷамъиятӣ оид ба ташаккули худшиносии миллии наврасон.

Муҳаққиқ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро аз зумраи муносибати нав ба ташаккули худшиносии наврасон дар асоси арзишҳои миллӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд; наврасон ба чорабиниҳои берунaзтаълимӣ барои омӯзиши мероси таърихию фарҳангии халқ, меъёрҳои ахлоқии рафтор шавқманд гарданд; барои ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва оинҳои миллӣ «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берунaзтаълимӣ» таҳия гардида, дар амалия мавриди санҷиш қарор дода шавад; шаклгирии ҳуввияти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили наврасон дар ҳамкорӣ омӯзгорон, волидайн, фаъолони ҷамъиятӣ амалӣ гардад, ба нақша гирифтааст.

**Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** дар диссертатсия аз он лиҳоз муҳим арзёбӣ мегарданд, ки унвонҷӯ хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии наврасонро ошкор ва дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилотро дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян намудааст. Инчунин, дар диссертатсия "Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ", коркард ва асоснок намуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин равандро пешниҳод намудааст. Қайд гардид, ки фарогирии мақсадноки наврасон ба чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ, истифода аз воситаҳои ахбори омма, расонаҳои ахборӣ-иттилоотӣ ба табдил додани дониш дар бораи арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқи худ ба худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

Бояд қайд намоем, ки довталаб ҷиҳати ҳалли проблемаи таҳқиқ ва ошкорсозии ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ аз ашъори шоирону нависандагони классику муосир ва истифодаи онро дар тарбияи наврасон коркард намуда, ба вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил гаштааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машгулиятхои беруназсинфӣ, инчунин фаъолони ҷамъиятӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули худшиносии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии мавқеъҳои асосии методологӣ таъмин карда мешавад, ки имкон медиҳанд муносибати низомӣ-якпорчагӣ ба ҳалли масъала ошкор карда шавад; истифодаи маҷмуи методҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки ба объект, предмет (мавзӯи), мақсад, фарзия ва вазифаҳои он мувофиқанд татбиқ карда шудааст; натичаҳои мусбати кори озмоишӣ, маҷмӯи коркарди миқдории маълумоти бадастомада бо таҳлили сифатии онҳо муқоиса карда шавад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили микдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҷрибаи шахсии корӣ дар Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зуҳур меёбад.

Омӯзиш ва таҳлили нуктаҳои асосии диссертатсия ба он далолат мекунанд, ки натиҷаҳои ба даст оварда метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои марбут ба шаклгирии ҳуввияти миллӣ чун воситаи ташаккули шахсияти комили наврасон дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон, волидайн, фаъолони ҷамъиятӣ амалӣ гардад, ба сифати пойгоҳи назариявӣ хидмат намоянд.

Натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар корҳои чопии муаллиф дарҷ ёфтаанд ва онҳо чандин маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ироа гардиданд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷу дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда дар 5 мақола ва дар дигар нашрияҳо 8 мақола интишор гардидааст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар, ҷаласаҳои педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ироа гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербанд, хулоса оид ба ҳар як боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ “Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули худшиносии миллии наврасон”** номгузорӣ гардида, дар зербоби якум

“Масъалаи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ” таҳлил гардидаанд.

Дар боби мазкур муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки сиёсати навини давлатӣ дар соҳи маориф, махсусан дар тарбияи насли наврас хеле муҳим буда, дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Масъалаҳои тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ ва умумибашариро дар осори олимон, омӯзгорон, равоншиносон ва методистони Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Ҳ.Авзалов, М.Орифӣ, Т.Атахонов, М.Лутфуллоев, А.Нуров, А.Паҳлавонов, Б.Раҳимов, Ф.Шарифзода, И.Каримова, Ш.Сафаров , С.Сулаймонов ва дигар муҳаққикон таҳлил намудааст.

Мавзуи педагогикаи халқӣ – илм дар бораи таҷрибаи мардум оид ба тарбияи насли наврас, дар бораи тайёрии педагогӣ ба ҳаёт, зиндагӣ, ба зиндагонии оилавӣ, авлоду қабила, халқияту миллат мебошад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки маҳз тарбияи инсони комил дар педагогикаи муосири тоҷик бар асоси қадимтарин ақидаҳои педагогии ниёгон сурат мегирад ва яке аз бузургтарин сарчашмаҳои он китоби муқаддаси ориёи бостон “Авасто” мебошад. Китоби муқаддаси “Авасто” “пиндори нек, гуфтори нек ва гуфтори нек”-ро тарғиб мекунад. Тарбияи миллии наврасон бе донистани маълумоти нисбатан васеъ, ки аз сарчашмаҳои гуногун мегиранд, имконнопазир аст ва ин сарчашмаҳо дар диссертатсия кушода дода шудаанд.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки накши ҷомеа дар тарбияи худшиносии миллии наврасону ҷавонон хеле муҳим аст. Дар ин росто тамоми вазорату идораҳо, ташкилот, созмон ва иттифоқҳои эҷодӣ, воситаҳои ахбори умум, нашриёт ва матбааҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар самти тарбия маҳсубанд Зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, ҷиҳати боло рафтани савияи донишу маърифатнокии хонандагон тадбирҳо роҳандозӣ намоянд. Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба он роҳбалад мекунад, ки тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, ахлоқи ҳамида ва эҳтироми арзишҳои миллӣ амалӣ гардад. Чунин хислатҳои наҷиби инсонӣ моҳияти маънавӣ дошта, дар тафаккури инсон дар давоми ҳаёту зиндагиаш ташаккул меёбанд. Дар раванди чунин ташаккулёбӣ таъсири муҳит, ҷамъият, пеш аз ҳама, оила ва таълиму тарбия накши муҳим мебозад.

Дар ин радиф бо такя ба мероси ниёгон ва баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти дигари миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи наврасон ба даст омаданд, ки боз ҳам рушд

бахшидани онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ҷомеаи муосир ҳисобида мешавад.

**Боби дуюм «Технологияи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ»** ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» коркард гардида, ба амал баровардa шудааст.

Дар таҳқиқоти педагогӣ се гурӯҳи усулҳои худтаъсиркунӣзимни худтарбиякунии шахс нишон дода шудааст: худшиносӣ (омӯзиши шахсияти худ), худмушоҳидакунӣ, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ. Кор оид ба ташаккули шуури ватандӯстии хонандагон аз таҳлили вазъи воқеии огоҳии хонандагон оғоз гардид. Мақсади омӯзиш муайян кардани худшиносии миллии хонандагон - муносибат нисбати одамон (эҳтироми калонсолон, муносибати дӯстона, ғамхорӣ, ростқавлӣ, таҳаммулпазирӣ) мебошад.

Ҳадафи асосии тадқиқот муайян намудани талабот, интизорӣ ва бартариҳои наврасон дар самти таълим додан/гирифтан оид ба ташаккули тафакури миллӣ ва худшиносӣ иборат мебошад. Дар рафти тадқиқот тасвири васеъи интизорӣ ва талаботи муаллимон ва талабагони синфҳои 7-9 мушаххас карда шуданд.

Муҳаққиқ таи солҳои 2017-2022 озмоиши санҷиширо баргузор намуда, “Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берунaзтаълимӣ» » мавриди татбиқ қарор додааст. Зимни баргузории таҳқиқот муайян шуд, ки тарғибу ташвиқи худшиносӣ дар ташаккули худшиносии наврасон ба роҳ монда шудааст, вале худшиносии наврасон паст буда, барои барномарезиҳои минбаъдаро бо наврасон тақозо дорад.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе ҳаст, ки метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд. Зеро дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик, ки ҳодисаҳои нохуши гузашта ба шууру психологияи сокинони ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба наврасон ва ҷавонон таъсири манфӣ расонид, ин бағоят муҳим мебошад.

Зимни баргузории таҳқиқот дар ноҳияи Восеъ, шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасон, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани наврасон корҳои зиёде ба анҷом расонида шуданд. Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар ҷадвал ва диаграммаҳо оварда шудаанд.

Аз натиҷаи баргузории тадқиқотҳо метавон ба хулосае омад, ки фарзияи кор оид ба мақсад мувофиқ будани истифодаи фарҳангу анъанаҳои миллӣ дар ташаккули худшиносии наврасон тасдиқ гардид. Чунин корҳо ба фаъол гардидани фаъолияти миллӣ-ватандустии наврасон, афзудани шавқу ҳавас ба омӯзиши мероси мадании миллии халқи худ мусоидат карданд.

Муносибати педагогие, ки мо ба истифодаи барномаи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагони синфҳои 7-9 амалӣ гардидааст, ба фарҳанги миллӣ, анъанаҳо, арзишҳои миллӣ такя намуда, нисбат ба фарҳанги халқи худ муносибати арзишмандро дар наврасон парвариш менамояд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳққот мувофиқанд, мувофиқ карда шуданд. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотии гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аниқро бозгӯ мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб, ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу фаҳмо бароварда шудааст.

Дар умум, диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар мисоли ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст, таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муҳаққиқ ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берунаztaълимӣ пурра ва

ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додааст. Барои мукаммалтар намудан ва аз ҷиҳати равонӣ асоснок сохтани муҳтавои диссертатсия хусусиятҳои равонию синну солии наврасонро низ амиқтар ва васеътар таҳлил менамуд, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи истифодаи ВАО, сомонаҳои иҷтимоӣ дар тарбияи худшиносии миллии наврасон, таъсири ин расонаҳо ба шуур ва худшиносии аҳли ҷомеа, махсусан ба наврасон камтар таҳлилу баррасӣ шудааст.

3. Мақсаднок мебуд агар муҳаққиқ мероси адабӣ – тарбиятии классикони адабиёти тоҷику форсро барои наврасон мувофиқи давраҳои инкишофи синнусолӣ ҷудо мекарданд ва барои ҳар як давра асарҳои махсуси тарбиявию таълимиро дар тарбияи худшиносию ватандӯстии онҳо пешниҳод менамуданд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намегардонад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ"кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

**Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рисолаи илмӣ дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ"ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили

фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
иҷтимоӣ ва касбии МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

28.10.2025

**Маълумот барои тамос:** : 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел:.992928477607; E-mail: saburov.67@mail.ru

Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ – и
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Сайдуллозода З.С.